# Ёддошти тафоҳум

Тарафҳо афзалиятҳои ҳамкориро барои солҳои 2011-2013, ки натиҷаи машваратҳои байни Ҳукумат ва шарикони иҷтимоии Тоҷикистон ва Гурӯҳи дастгирии техникӣ оид ба масъалаҳои меҳнати арзанда ва Бюрои ТБМ оид ба мамлакатҳои Европаи Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ мебошанд, муайян ва мувофиқа намуданд. Дар таҳияи Барномаи нав натиҷаҳо ва таҷрибаи татбиқи Барномаи қаблӣ оид ба Меҳнати арзанда барои солҳои 2007-2009, инчунин натиҷаҳои баҳогузории он аз ҷониби шарикони сетарафа ва ташхисгарони техникии ТБМ ба назар гирифта шудаанд.

Барномаи нав оид ба меҳнати арзанда (БМА) барои солҳои 2011-2013 ба мақсадҳои асосӣ ва афзалиятҳои Барномаи ҳудудии Созмони Милали Муттаҳид оид ба расонидани кӯмак бо мақсади рушд (UNDAF) барои солҳои 2010-2015 мутобиқ буда, барои расидан ба ҳадафҳои он мусоидат менамояд. Ба ғайр аз ин, БМА-и нав дар татбиқи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон, ки ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010-2012 асос ёфтааст, саҳми муносиб мегузорад.

**Бо назардошти гуфтаҳои боло, Тарафҳо ба мувофиқа расиданд:**

1. Тарафҳо ниятҳои худро ҷиҳати ҳамкорӣ намудан дар татбиқи БМА барои солҳои 2011-2013 тасдиқ менамоянд;

онҳо барои муқаррар намудани афзалиятҳои зерини БМА ба мувофиқа омаданд:

***- Баланд бардоштани иқтидори шарикони сетарафа дар танзими масъалаҳои афзалиятноки меҳнат;***

***- Рушди имконияти шуғли арзандаи мардон ва занон, аз он ҷумла барои муҳоҷирони меҳнатии бозгашта;***

***- Беҳтар намудани шароити меҳнат ва вусъатбахшии ҳифзи иҷтимоӣ.***

2. ТБМ изҳори ризоият менамояд, ки дар сурати риоя гардидани қоидаҳо, низомномаҳо, дастуруламалҳо ва тартиботи ТБМ, мавҷудияти воситаҳо ва имкониятҳои техникӣ ва дигар шароитҳо, ки баъдан дар шакли хаттӣ мувофиқа карда мешаванд, кӯмаки техникӣ мерасонад ва захираҳоро барои татбиқи БМА равона месозад. Равонасозии захираҳо дар сатҳи маҳаллӣ ҷиҳати иҷрои БМА ҷавобгарии умумии ТБМ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

3. Дар робита бо БМА барои солҳои 2011-2013 ва дигар намудҳои фаъолияти ТБМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумат ба Ташкилот, кормандони он ва ба тамоми шахсоне, ки аз тарафи ТБМ ҷиҳати таъмини фаъолияти он таъин карда шудаанд, имтиёзот ва масунияте, ки тибқи

Конвенсия дар бораи имтиёзҳо ва масунияти муассисаҳои махсус аз 21 ноябри соли 1947 ва Замимаи он аз 10 июли соли 1948, ки ба Ташкилоти байналмилалии меҳнат тааллуқ дорад, муқаррар мекунад.

4. Бо назардошти натиҷаҳо ва захираҳои мавҷудаи пешбининамудаи БМА Тарафҳо якҷоя Барномаи татбиқи БМА, Нақшаи мониторинг ва баҳодиҳиро таҳия менамоянд. Мониторинги ҳарсола аз ҷониби гурӯҳи машваратии сетарафаи иборат аз намояндагони шарикони сетарафа ва Гурӯҳи дастгирии техникӣ оид ба масъалаҳои меҳнати арзандаи Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат ва Бюрои ТБМ оид ба мамлакатҳои Европаи Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ гузаронида мешавад. Нақшаи татбиқ мунтазаман таҷдид ва дар мавриди зарурӣ ислоҳ карда мешавад, то ин ваъзияти навро инъикос кунад, ба назар гирад ва усули гирои татбиқи барномаро таъмин намояд.

5. Ёддошти тафоҳуми мазкур метавонад бо мувофиқаи Тарафайн тағйир дода шавад.

Ҳеҷ чиз дар Ёддошти тафоҳуми мазкур ё бо он алоқаманд наметавонад ҳамчун даст кашидан аз имтиёзот ва масунияте, ки ТБМ аз онҳо бархӯрдор мебошад, тавзеҳ дода шавад.

Ба Ёддошти тафоҳум матни БМА замима карда мешавад. Дар ҳолати номувофиқ будани муқаррароти дар матни БМА ҷойдошта ба матни Ёддошти тафоҳум, аз он ҷумла муқаррарот ва истинодҳои моддаи 3, дуввумӣ бартарият дорад.

Ёддошти тафоҳум ба забони англисӣ таҳия ва имзо гардидааст. Матни англисии Ёддошти тафоҳум нисбат ба матнҳои дигар (ба забонҳои тоҷикӣ ё русӣ) муайянкунанда ва асосӣ шуморда мешавад.

Ёддошти тафоҳуми мазкур ивазкунандаи тамоми мукотиботи ба ин масъала дахлдори байни Тарафҳо маҳсуб меёбад ва баъди аз ҷониби намояндагони ваколатдори Тарафҳо ба имзо расиданаш, мавриди амал қарор мегирад.

| | |
|---|---|
| Аз номи ва ваколати Ҳукумат | Аз номи<br>Бюрои Байналмилалии Меҳнат |
| **Маҳмадамин Маҳмадаминов**<br>Вазири меҳнат<br>ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | **Сюзанна Хоффман**<br>Директори Минтақавӣ<br>Бюрои минтақавии ТБМ барои<br>мамалакатҳои Аврупо<br>ва Осиёи Марказӣ |
| «10» 02 с.2011 | «16» 02 с.2011 |

**Евгений Давидов**
Директори Гурӯҳи дастгирии техникӣ оид ба масъалаҳои меҳнати арзанда ва Бюрои ТБМ оид ба мамлакатҳои Аврупои Шаркӣ ва Осиёи Марказӣ

«10» 02 с.2011

Аз номи
Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Азизбек Шарипов**
Раис

«10» 02 с.2011

Аз номи
Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон
**Муродалӣ Солеҳов**
Раис

«10» 02 с.2011

# Барномаи
# ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат оид ба Меҳнати арзанда барои солҳои 2011-2013

## 1. Муқаддима

Барномаи мазкури ҳамкорӣ оид ба меҳнати арзанда ба афзалиятҳои миллӣ, ки дар натиҷаи раванди машваратии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони иҷтимоии он бо ширкати Гурӯҳи дастгирии техникӣ оид ба масъалаи масъалаҳои меҳнати арзанда ва Бюрои Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат (ТБМ) барои мамлакатҳои Европаи Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ мувофиқа ва матраҳ гардидаанд, асос ёфтааст. Дар асоси Барнома инчунин натиҷаҳои татбиқи Барномаи қаблӣ оид ба Меҳнати арзанда барои солҳои 2007-2009 гузошта шудаанд ва натиҷаҳои баҳогузории аз ҷониби шарикони сетарафа ва ташхисгарони техникии ТБМ суратгирифта ба назар гирифта шудааст.

Барнома инчунин ба афзалиятҳои калидии Барномаи ҳудудии Созмони Милали Муттаҳид оид ба расонидани кӯмак бо мақсади рушд (UNDAF) асос ёфта, барои расидан ба ҳадафҳои он саҳми махсус мегузорад. Барномаи нав оид ба меҳнати арзанда дар татбиқи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон, ки он ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010-2012 асос ёфтааст, саҳми муносиб мегузорад.

Барнома дар заминаи таҳлили рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои мавҷудаи соҳаи иҷтимоию меҳнатӣ таҳия ёфтаст. Барнома самтҳои калидии афзалиятноки ҳамкорӣ бо ТБМ барои солҳои 2011-2013-ро фарогир буда, натиҷаҳои дахлдор, индикаторҳо, дурнамои татбиқ, инчунин масъалаҳои ҳамоҳангсозӣ, мониторинг ва баҳогузориро дар бар мегирад.

Таҳти мафҳуми «Меҳнати арзанда» имкони дарёфти коре фаҳмида мешавад, ки он бояд самаранок, бехатар ва босубот бошад, сазовор пардохта шавад, ҳифзи иҷтимоии оиларо таъмин намояд, барои ташаккули шахсият, ҳамгироии иҷтимоӣ, изҳори озодонаи манфиатҳо, худмуназзамӣ ва ширкат дар қабули қарорҳо имконият фароҳам орад, барои занон ва мардон баробарии имконият ва мурочиатро таъмин кунад.

## 2. Рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва масъалаҳои асосии соҳаи иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз соли 1997, бо ноил гардидан ба суботи сиёсӣ дар ҷомеа, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амалӣ намудани тадбирҳо оид ба мукаммалгардонии сиёсати пуливу қарзӣ ва андозиву буҷетӣ, устуворияти вазъи макроиқтисодӣ, амалисозииислоҳот ва азнавсозиҳои иқтисоди бозорӣ оғоз намуд.

Дар мамлакат раванди ба вуҷуд овардани иқтисоди бозории бисёрмоликиятӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ ба анҷом мерасад. Хусусигардонӣ ҳамчун унсури нахустини дигаргунсозиҳои бозорӣ барои рушди соҳибкорӣ замина омода гардонид. Мамлакат дар марҳалаи вусъатбахшии ислоҳоти иқтисодӣ, аз он ҷумла ташкили шароити мусоид ҷиҳати рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба сохторҳои соҳавӣ, алалхусус ташкил ва рушди соҳаи коркарди бахши кишоварзӣ қарор дорад. Ҳавасмандии сармоягузорӣ афзоиш меёбад, ки далели он оғози

татбиқи лоиҳаҳои бузург дар соҳаҳои энергетика ва истихроҷи маъдан, саноат ва бахши кишоварзӣ мебошад.

Аз оғози соли 1997 тамоили устувори беҳдошти иқтисодиёт: рушди устувор дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, пастравии сатҳи таваррум ва беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ ба мушоҳида мерасад. Дар давоми даҳ соли охир рушди Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ идома меёбад ва дар соли 2007 он 7,8% ва соли 2008-ум 7,9 фоизро ташкил намуд. Аммо дар соли 2009 рушди воқеии Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ бо назардошти таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти кишвар нисбат ба соли 2008-ум ба андозаи 4,5 фоиз коҳиш ёфта, дар маҷмӯъ 3,4 фоизро ташкил намуд.

Аз соли 1997 сар карда, тамоили устувори ҷоннокшавии иқтисодиёт ба назар мерасад. Дар давоми 10 соли охир афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, ки дар соли 2007 ба 7,8 фоиз ва соли 2008 ба 7,9 фоиз баробар буд, идома дорад. Дар соли 2009 афзоиши воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо назардошти таъсири бӯҳрони молиявӣ-иқтисодӣ ба иқтисоди ҷумҳурӣ 4,5 фоиз нисбат ба соли 2008 паст фаромад ва дар маҷмӯъ 3,4 фоизро ташкил дод. Дар соли 2007 ҳаҷми маҳсулоти саноатии истеҳсолшуда нисбат ба соли 2006 ба андозаи 9,9 фоиз афзоиш ёфт, вале рушди воқеии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар соли 2009 бар асари фаъолияти сусти соҳаҳои саноат ва таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ 6,3 фоиз нисбат ба соли 2008 коҳиш ёфт. Агар дар соли 2006 сатҳи болоравии таваррум 12,5 фоиз ва соли 2007-ум 19,7 фоизро ташкил намуда бошад, дар соли 2008 ин нишондиҳанда 11,8 фоиз ва соли 2009-ум 5,0 фоизро ташкил намуд.

Бо таъсири бӯҳрони молиявӣ-иқтисодии ҷаҳонӣ ва кам гардидани талабот ба маҳсулоти асосии содиротии Тоҷикистон ва пастравии нархҳои ҷаҳонии арзиз ва пахта ба буҷети ҷумҳурӣ бештар аз 530 млн. доллари ИМА ворид нагардид. Камшавии маблағи нақди асъори хориҷӣ боиси коҳиш ёфтани қурби сомонӣ гардид ва ин дар навбати худ боиси ба андозаи 21,5% кам гардидани воридот шуд. Гардиши савдои хориҷӣ дар маҷмӯъ 23,6% кам гардид. Кам гардидани талабот ба арзиз ва пастравии истеҳсолоти он яке аз сабабҳои ба андозаи 6,3% камшавии ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ мебошад.

Дигар омили манфии таъсири бӯҳрони ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон камшавии талабот ба меҳнати муҳоҷирон дар Федератсияи Россия мебошад. Камшавии интиқоли маблағҳо дар соли 2009 дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 34,1%-ро ташкил намуд.

Афзоиш ёфтани нарх ва тарифҳо барои хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ идома дорад. Афзоиши бештари пардохти хизматрасонӣ дар хоҷагии манзилию коммуналӣ мушоҳида мегардад. Тамоили мазкур хонаводаҳоро маҷбур месозад, ки хароҷотро барои беҳтар гардонидани истеъмол, саломатӣ ё маълумот равона накунанд.

Чун пештара вазъи пардохти ҳаққи меҳнат дар ҳолати вазнин қарор дорад. Қайд кардан зарур аст, ки сатҳи музди меҳнати воқеӣ дар соли 2008 ба 27,9% зиёд шуда, дар соли 2009-ум 21,2% афзоиш ёфт ва 287,80 сомониро ташкил намуд. Масъалаи асосӣ на фақат андозаи музди

меҳнат, балки тафриқаи калони он мебошад. Дар ҷумҳурӣ номутаносибии беасос дар андозаи музди меҳнат байни минтақаҳо, соҳаҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон ба вуҷуд омадааст.

Ҳамин тариқ, яке аз вазифаҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоию иқтисодии ҳукумат **мубориза бар зидди камбизоатӣ** маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон татбиқ карда мешавад, ки дар асоси он Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010-2012 таҳия ёфтааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти куллии низоми тақсимоти ваколатҳоро байни мақомоти ҳокимияти ҳамаи сатҳҳо, сиёсати иҷтимоии ба қобилияти аҳолӣ аз ҳисоби маблағҳои худӣ пардохт намудани қисми асосии хароҷот барои маориф, тандурустӣ ва нигаҳдории манзил нигарондашуда, пешниҳод менамояд.

Самти калидии сиёсати иҷтимоӣ **ислоҳоти низоми пардохти музди меҳнат** ба шумор меравад. То ҳанӯз се масъалаи асосӣ: баргардонии қарзҳо аз пардохти музди меҳнат, баланд бардоштани ҳадди ақали музди меҳнат то сатҳи ҳадди ақали зиндагӣ ва ба ҳадди назаррас зиёд намудани музди меҳнати кормандони соҳаи буҷетӣ ҳаллу фасл нагардидааст. Шохиси умумии музди меҳнати воқеӣ дар солҳои охир мусбӣ бошад ҳам, вале сатҳи пасти заминаи музди меҳнат яке аз сабабҳои асосии паст гардидани сатҳи ҷолибияти бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатии билфосила ба шумор меравад.

Ҳамзамон, сатҳи пасти музди меҳнат ба мавҷудияти шуғли ғайрирасмӣ ва даромадҳои ғайрирасмӣ имкон медиҳад. Даромадҳои алтернативии фаъолият дар дигар бахшҳо аз кори ғайривоҳидии ҳамҷоя то амалияи ғайриқонунӣ бо ҷалби фасодро дар бар мегиранд.

Теъдоди аҳолии дар иқтисодият фаъол (шуғлнок ва бекорони расман ба қайд гирифташуда) дар моҳи декабри соли 2009-ум 2 150,1 ҳазор нафарро ташкил дода, аз он 2 105,6 ҳазор нафар (97,9%) дар иқтисодиёт ба шуғл машғулбуда, 44,5 ҳазор нафар мақоми расмии бекорро касб намудааст, ки ин 2,1 % аҳолии дар иқтисодиёт фаъолро ташкил медиҳад. Камшавии теъдоди бекорон дар муқоиса бо моҳи ноябри соли 2009 ба андозаи 4,3 % дида мешавад. Аз теъдоди бекорони расман ба қайд гирифташуда занон 53,8% (23,9 ҳазор нафар) ташкил медиҳанд.

Ҷумҳурӣ метавонад дарояндаи наздик бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ гардад: **афзоиши теъдоди аҳолии синни соли қобили меҳнат** дар солҳои охир ба афзоиши пешниҳоди қувваи корӣ оварда мерасонад, зеро ки теъдоди аҳолии синни соли меҳнатӣ дар ҳафт соли гузашта аз 52 то 58% зиёд шудааст.

Тибқи пешбиниҳо то соли 2012 ҳар сол наздики 140,0 ҳазор нафар **шаҳрванди ҷавон ба бозори меҳнат ворид мешавад.**

Масъалаҳое, ки метавонанд дар оянда барои рушди шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнати миллӣ мамоният эҷод кунанд:

- имконияти маҳдуди ба кор таъминшавӣ, кофӣ набудаи шумораи ҷойҳои кории таъсисёфта, алалхусус дар минтақаҳои дур;

- теъдоди зиёди мардону занони машғул ба корҳое, ки музди меҳнати кам доранд ва/ё вақти тӯлонӣ бекор мебошанд;

- имконияти маҳдуди ба кор таъминшавии маъюбон мебошад.

Яке аз имкониятҳои нави рушди шуғлнокӣ ва худиштиғол **ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории хурду миёна** ва хоҷагиҳои деҳқонӣ бо роҳи беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ маҳсуб меёбад.

Вазъияти баамаломада дар бозори меҳнат ва набудани ҷойҳои кории нав, тайи солҳои охир дар аксари мавриди бо вусъат ёфтани **муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ** ҷуброн мегардад: масалан, дар соли 2009 ба Федератсияи Россия бештар аз 600 ҳазор нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон рафтааст. Дар байни мушкилоте, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият бо онҳо мувоҷеҳ шудааст, муҳоҷирати меҳнати мушкилест, ки таъсири он ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мамлакат муассир мебошад. Умуман, муҳоҷирати меҳнатӣ ғайримуташаккил буда, дар сатҳи даркорӣ танзим карда намешавад, ки ин ба ҳолате оварда мерасонад, ки меҳнати муҳоҷирон бераҳмона истисмор мегардад ва ҳуқуқҳои меҳнатии онҳо ва ҳуқуқҳои инсон поймол мегарданд. Аз як тараф муҳоҷирати меҳнатӣ дар паст гардидани сатҳи бекорӣ дар ҷумҳурӣ кӯмак мерасонад, аз тарафи дигар, он боиси аз даст додани захираҳои азими инсонӣ барои иқтисоди миллӣ мегардад.

Бо назардошти омилҳои зайл ва ба сифати яке аз афзалиятҳои миллӣ муқаррар гардидани муҳоҷирати меҳнатӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони ТБМ, алалхусус бо иттифоқҳои касаба, кӯшиш менамояд, ки механизми батанзимдарории муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъмини ҳифзи коргарони муҳоҷирро тавассути ширкат дар созишномаҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва сохторӣ дар маҷмӯъ ва ширкат дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар алоҳидагӣ, ба вуҷуд орад. Ба сифати мисол метавон созишномаҳои дутарафа дар бораи муҳоҷирати меҳнатиро, ки байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия, байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон ба имзо расонда шудаанд, инчунин созишномаи бо мусоидати ТБМ байни иттифоқҳои касабаи сохтмончиёни Тоҷикистон ва Россия ба имзорасида оварда шавад.

Яке аз масъалаҳои мубрами рӯз, ки натиҷаи имкони маҳдуди бокортаъминшавӣ, бекорӣ ва камбизоатӣ мебошад, истифодаи **меҳнати кӯдакон** маҳсуб меёбад. Кӯдакон чун пештара дар бозорҳо ё кӯчаҳо кор мекунанд ва меҳнати онҳо асосан ба кашонидани борҳо, савдои майдаи кӯчагӣ, ҷамъоварии шишаҳои пластикӣ, истеҳсоли хишт, кор дар бахши аграрӣ алоқаманд мебошад. Ба ғайр аз сабабҳои хусусияти иқтисодидошта, проблемаи мазкур ба як қатор омилҳои иҷтимоӣ, ба монанди серфарзандии оилаҳо, зӯроварӣ дар оила, беэътиноӣ ба ӯҳдадориҳои волидайн, гум кардани як ё ҳар ду аз волидайн вобаста мебошад.

Дар баробари рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, ба амал баровардани ислоҳоти **таъминоти иҷтимоӣ** ҷиҳати расонидани он ба сатҳи ҳадди ақали зиндагии аҳолӣ зарур аст. Аз нав дида баромадани сохтори таъминоти иҷтимоии амалкунанда бо мақсади раҳоӣ ёфтан аз

маблағгузории дутарафаи ҳар гуна механизмҳои таъминоти иҷтимоӣ бобати тақсими мақсадноки имтиёзҳои иҷтимоӣ ва шаффофияти маблағгузорӣ зарур мебошад. Доираи васеи муҳоҷирати меҳнатӣ на фақат саҳмгузориро ба низоми таъминоти иҷтимоии мамлакат кам мекунад, инчунин мусоидат мекунад, ки муҳоҷирони меҳнатӣ дар оянда табақаи нисбатан осебпазир гарданд. Дар маҷмӯъ, имтиёзҳои иҷтимоӣ дар Ҷумҳурӣ то ҳол дар сатҳи паст қарор доранд ва ба суръати рушди музди меҳнат мувофиқ намебошанд.

**Низоми нафақа** то ба имрӯз сохтори давраи Иттиҳодияи Шӯравиро доро буда, ба ислоҳоти куллӣ ниёз дорад. Бо мақсади мукаммалсозӣ ва ҳамсон гардонидани қонунгузорӣ дар соҳаи таъминоти нафақа Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таҳия ва қабул карда шудааст ва он аз 1 январи соли 2011 мавриди амал қарор мегирад. Татбиқи қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба он тааллуқдошта, ба ташаккул ёфтани низоми захиравии маблағҳои суғуртаи нафақавии дар суратҳисобҳои инфиродии шаҳрвандон ғуншуда имкон дода, барои татбиқи ҳуқуқҳои нафақавии онҳо шароит фароҳам меорад.

**Низоми суғуртаи иҷтимоӣ**, аз қабили кӯмакпулӣ барои бекорӣ, захмбардории истеҳсолӣ ва ҳифзи модар низ дар сатҳи лозимӣ рушд наёфтаанд. Яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи беҳсозии низоми суғуртаи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон сарфи назар кардан аз пардохти маблағ дар низоми таъминоти иҷтимоӣ бар асари шуғли ғайрирасмӣ мебошад. Беҳсозии низоми кӯмаки иҷтимоии унвонӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ бевосита ба гурӯҳҳои ниёзманди аҳолӣ бештар кӯмак мерасонад. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои муайян намудани оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои миёна таҳсил мекунанд ва сатҳи даромади онҳо аз ҳадди ақали музди меҳнат зиёд намебошад, таҳия гардид, ки ин ба пардохтҳои мазкур хусусияти унвониро медиҳад.

Инспексияи меҳнати Тоҷикистон ба Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (минбаъд - Хадамот) табдил дода шуда, омӯзонидан ва баланд бардоштани сатҳи салоҳияти кормандони он зарур мебошад. Дар соли 2009 қонуни нав дар соҳаи ҳифзи меҳнат қабул гардида, таҳлили низоми ҳифзи меҳнат гузаронида шуд ва консепсияи навсозии Хадамоти мазкур ва омӯзонидани кормандони он омода гардид. Проблемаҳои пешгирии Вируси норасоии масунияти одам, бемории пайдошудаи норасоии масуният (минбаъд – ВНМО/БПНМ) ва барҳам додани меҳнати кӯдакон дар мадди назари Хадамот қарор дорад.

Лоиҳа оид ба нарм кардани таъсири оқибатҳои иҷтимоӣ барои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатие, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, тавассути рушди иқтисодиёт ва таъсиси ҷойҳои корӣ ҷиҳати меҳнати арзанда ва бехатар (якҷоя кардани таълими касбӣ дар барномаи ТБМ «Мукаммалсозии амалияи меҳнатӣ дар раванди рушди иттиҳодияҳои маҳаллӣ») аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфт. Консепсияи мазкур барои кам кардани зарурияти муҳоҷират, инчунин

пешниҳоди шароити хуби меҳнат ва зисти аҳолӣ дар ноҳияҳои аграрӣ асос ба шумор меравад.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқ ва мониторинги «Нақшаи стратегӣ доир ба муқобилият бо паҳншавии ВНМО/БПНМ барои давраи солҳои 2006-2010», «Барномаи профилактикаи эмкунӣ барои солҳои 2003-2010» ва «Барномаи ташкили ҳаёти солими аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2010» тадбирҳо андешида шудаанд, ки онҳо имкон медиҳанд роҳҳои паҳншавии бемориҳои сироятӣ гирифта шуда, баъзе касалиҳои сирояткунанда аз байн бардошта шаванд.

**Муколамаи иҷтимоӣ** дар мамлакат дар сатҳи ташаккулёбӣ қарор дорад ва барои рушди муколамаи иҷтимоӣ ҳамчун механизми танзими муносибатҳои меҳнатӣ тадбирҳои зиёдро бояд амалӣ намуд. Ислоҳоти мақомоти идораи хизмати давлатӣ дар ҷумҳурӣ аз нигоҳи муносибати стратегӣ аҳамиятнок ва муқарраркунанда маҳсуб меёбад. Рушди минбаъда ва устуворсозии иттифоқҳои касаба ва иттиҳоди корфармоён яке аз вазифаҳои муҳимтарини ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

Бояд эътироф намуд, ки иҷрои қонунҳо ва таъмини ҳуқуқҳои инсон дар ҷумҳурӣ ба меъёрҳои муқарраршудаи байналмилалӣ ба андозаи зарурӣ мувофиқат намекунад. Бе таъмини волоияти қонунҳо ва ҳуқуқҳои муқарраршудаву озодии инсон, бе ҷомеаи шаҳрвандии рушдёфта ба рушди мамлакат ноил шудан мумкин нест. Ин бо маънои томаш ба масъалаи хариду фурӯши одамон дахл дорад. Дар давоми солҳои охир дар ҷумҳурӣ ҷиҳати мубориза бурдан бар зидди хариду фурӯши одамон бисёр корҳо ба анҷом расонида шуданд. Дар сохтори Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми махсусгардонидашуда амал мекунад, инчунин дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи байниидоравӣ оид ба масъалаи мазкур таъсис ёфтааст.

Ҳалли масъалаҳои ошкоргардидаи соҳаи иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар доираи Барномаи мазкур оид ба меҳнати арзанда қадами навбатӣ дар ҷодаи ба амал баровардани дигаргунсозиҳои демократӣ дар ҷумҳурӣ ва дар амал татбиқ намудани принсипҳои асосии меъёрҳо ва стандартҳои ҳуқуқии байналмилалии муайянкунандаи озодии инсон дар ҷаҳони муосир мегардад.

## 3. Ҳадафҳои миллӣ ва афзалиятҳо

Дар заминаи биниши умумии рушди ҷумҳурӣ ҳадафи асосӣ муваффақ гардидан ба некуаҳволии иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имконияти баробар барои дар амал татбиқ намудани қобилияти ҳар як шахс муайян карда шудааст.

Барои ноилшавии муваффақона ба ҳадафи гузошташуда ба сифати афзалиятҳои миллӣ муайян карда шуданд:

***- Баланд бардоштани иқтидори шарикони сетарафа дар танзими масъалаҳои афзалиятноки соҳаи меҳнат ба воситаи муколамаи иҷтимоӣ;***

***- Рушди имкониятҳои шуғли арзандаи мардон ва занон, аз он ҷумла муҳоҷирони меҳнатии баргашта;***

***- Беҳсозии шароити меҳнат ва вусъатдиҳии ҳифозати иҷтимоӣ.***

Бо мақсади имконияти баробар пайдо кардани мардҳо ва занҳо аз истифодаи иҷрои Барнома масъалаҳои гендерӣ ба ҷараёни иҷрои мақсадҳо ва масъалаҳои он ворид карда мешаванд.

## 4. Натиҷаҳо, индикаторҳо ва стратегия

**Афзалияти 1: Баланд бардоштани иқтидори шарикони сетарафа дар танзими масъалаҳои афзалиятноки соҳаи меҳнат аз тариқи мушоракати иҷтимоӣ.**

***Натиҷаи 1.1: Иқтидори шарикони сетарафа баланд гардид ва муқаррароти Конвенсияи №150 ТБМ дар бораи танзими масъалаҳои меҳнат ва Конвенсияи №144 ТБМ дар бораи машваратҳои сетарафа дар амалия татбиқ карда шуд***

**Маҳсулот ва хизматрасониҳои пешниҳодгардида:**

- Таҳлилҳои вазъии ташкилотҳои корфармоён ва иттифоқҳои касаба гузаронида шуда, эҳтиёҷот ба таълим муайян гардид;

- Таълими роҳбарон ва кормандони ташкилотҳои корфармоён ва иттифоқҳои касаба бо мақсади баланд бардоштани самаранокии умумии фаъолияти ташкилотҳои шарикони иҷтимоӣ ба роҳ монда шуд;

- Таълими муштараки шарикони иҷтимоӣ оид ба танзими масъалаҳои меҳнатӣ, аз он ҷумла дар иқтисоди ғайрирасмӣ ва машваратҳои сетарафа ба амал бароварда шуд;

- корҳои омодагирӣ оид ба тасвибрасонии Конвенсияҳои №150 ва №144 анҷом дода шуданд.

**Индикаторҳои 1.1:**

1.1.1. Ташкилотҳои корфармоён ва иттифоқҳои касаба мунтазаман ба муҳокимаи масъалаҳои соҳаҳои меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ тавассути комиссияҳои сетарафа ҷалб карда шуданд;

1.1.2. Фаъолнокӣ ва самаранокии фаъолияти комиссияи сетарафа (мунтазамии машваратҳо, рӯзмарра будани масъалаҳои муҳокимашаванда ва ғайра) таъмин гардид;

1.1.3. Конвенсияҳои ТБМ №150 дар бораи танзими масъалаҳои меҳнат ва №144 дар бораи машваратҳои сетарафа ба тасвиб расонида шуданд;

**Стратегия:**

Пеш бурдани қабули Конвенсияи № 81 дар бораи инспексияи меҳнат ва таҳлили ҷамъбастии фаъолияти маъмурияти меҳнат, ки муҳокимаи он дар байни шарикони сетарафа дар моҳи октябри соли 2009 сурат гирифт. Мутахассисони ТБМ оид ба масъалаҳои мустаҳкам намудани низоми идоракунии меҳнат ва тадриҷан вусъат додани он дар соҳаи иқтисоди ғайрирасмӣ тибқи муқаррароти Конвенсияи № 150 машваратҳо доир менамоянд. ТБМ инчунин кӯмак мерасонад ва таълими Ҳукумат ва шарикони иҷтимоиро бо мақсади таъмини тартиби мавҷудбуда оид ба машварати доимӣ доир ба масъалаҳои меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар бораи меҳнат дар асоси муқаррароти Конвенсияи № 144 мегузаронад.

Бо мақсади мустаҳкам намудани иқтидор ва мавқеи иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои корфармоён дар муҳокима ва қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ таълими мувофиқ

доир карда мешавад ва ҷиҳати фаъол гардонидани кори комиссияи сетарафаи ҷумҳуриявӣ тадбирҳо андешида мешаванд.

***Натиҷаи 1.2: Шарикони сетарафа донишҳои нав ва малакаи такмил додани системаи пардохти музди меҳнати кормандони буҷетӣ ва бахши хусусӣ, бо диди махсус ба соҳаи кишоварзиро аз худ карданд.***

**Маҳсулот ва хизматрасонии пешниҳодгардида:**

- Тадқиқот дар соҳаи пардохти музди меҳнати кормандони соҳаҳои гуногуни иқтисод гузаронида шуд ва методикаи баҳогузории ҳаҷми меҳнат ва баҳисобгирии нишондиҳандаҳои музди меҳнат аз рӯи гурӯҳҳои касбӣ-ихтисосӣ таҳия гардид;

- Дар заминаи тадқиқоти гузаронидашуда оид ба ислоҳоти системаи тарифӣ ва беҳтар намудани низоми пардохти музди меҳнат дар маҷмӯъ, бо назардошти маълумоти таҳлили доиргардида тавсияҳо таҳия гардиданд;

- Машваратҳо ва семинарҳои таълимӣ бо кордиҳандагон (роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ) дар бораи зарурати ҳифзи моддаи музди меҳнат дар мавриди бастани шартномаҳо бо қарздиҳандагон (маблағгузорон) гузаронида шуданд;

- Нақшаи ислоҳоти системаи пардохти музди меҳнат дар бахши кишоварзӣ, бо назардошти ҳаллу фасли масъалаҳои пардохти музди меҳнат таҳия гардид.

**Индикаторҳои 1.2:**

1.2.1. Бо ширкати шарикони иҷтимоӣ низоми нави пардохти музди меҳнат, аз он ҷумла ба беҳтарсозии ҳадди ақали музди меҳнат нигаронидашуда таҳия гардид.

1.2.2. Нақша оид ба ислоҳоти низоми пардохти музди меҳнат дар бахши кишоварзӣ бо роҳи гуфтушунидҳои коллективӣ қабул карда шуд.

**Стратегия:**

Дар ҳамкорӣ бо шарикони сетарафа ва бо ҷалби кӯмаки техникии ТБМ низоми амалкунандаи музди меҳнат дар Тоҷикистон таҳлил карда шуда, тавсияҳои зарурӣ барои ислоҳоти давра ба давраи низоми пардохти музди меҳнат дар заминаи Ҷадвали ягонаи тарифӣ ва ислоҳоти минбаъдаи система пешниҳод мегарданд. Бо ин мақсад дар самти пардохти музди меҳнати соҳаҳои гуногуни иқтисод тадқиқот гузаронида шуда, тавсияҳои методӣ барои баҳогузории ҳаҷми кор (ҷадвали кори баробарарзиш дар бахшҳои гуногуни иқтисод) ва баҳисобгирии нишондиҳандаҳои музди меҳнат аз рӯи гурӯҳҳои касбӣ-ихтисосӣ, инчунин нишондиҳандаҳои омории самаранокии истеҳсолот ва ҳосилнокии меҳнат барои баҳогузории фаъолияти муассиса ва танзими фондҳои музди меҳнат таҳия карда мешаванд.

Диққати махсус ба бахши кишоварзӣ, аз он ҷумла ба масъалаи гаронии қарзҳо ва таҳияи нақшаи амал ҷиҳати ҳалли чунин масъалаҳо дода мешавад. Кор оид ба навсозии низоми музди меҳнат дар бахши хусусӣ бояд ҷузъҳоеро бояд дар бар гирад, ки ба баланд гардидани маҳсулнокӣ мусоидат намуда, дар баробари ин ба шароити арзандаи меҳнатӣ таъсири манфӣ нарасонанд.

***Натиҷаи 1.3: Иқтидори ҳукумат ва шарикони иҷтимоӣ дар мубориза бар зидди шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон баланд гардид.***

**Маҳсулот ва хизматрасониҳои пешниҳодгардида:**

- Чорабиниҳои пешгирикунанда ва фаҳмондадиҳӣ оид ба огоҳкунӣ, пешгирӣ, офиятбахшӣ ва ҳамроҳшавии кӯдаконе, ки ба ҳолати меҳнати кӯдакон афтидаанд, амалӣ карда шуданд;

- Тадбирҳо барои ба вуҷуд овардани системаи мониторинги меҳнати кӯдакон дар назди Маркази таълими калонсолони Ҷумҳурии Тоҷикистон андешида шуданд;

- Бо дастгирии техники ИПЕК тартиб, сиёсат, (барнома) нақша оид ба аз байн бурдани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон ва пешниҳодҳо дар бораи чорабиниҳои дахлдори институтсионалӣ таҳия карда шуданд.

**Индикаторҳои 1.3:**

1.3.1. Аз ҷониби шарикони сетарафа сиёсати / барномаи ё нақшаи аз байн бурдани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон бо нишон додани ҳадди ақали амалиёти миллӣ, натиҷаҳо, нишондиҳандаҳо, ҳудуҳои муваққатӣ ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ таҳия карда шуд.

1.3.2. Системаи мониторинги меҳнати кӯдак бо мақсади мунтазам ошкор намудани кӯдакони коркунанда, ба муассисаҳои дахлдори таҳсилотӣ фирисонидан ва ғайра самаранок фаъолият мекунад.

**Стратегия:**

ТБМ шариконро дар мубориза бар зидди меҳнати кӯдакон дастгирӣ намуда, ба институтҳои миллӣ ва ташкилотҳо дар мустаҳкам гардидани иқтидоре, ки барои доир намудани тадбирҳои барои мубориза бар зидди меҳнати кӯдакон, алалхусус шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон зарур мебошад, кӯмак мерасонад. Чунин маъракаҳо барои бартараф кардани меҳнати кӯдакон, баровардан аз шароити меҳнати кӯдакон, озод кардану якҷоя кардани кӯдаконе, ки дар шароити меҳнати кӯдакон қарор доранд, равона карда мешаванд. Диққати махсус ба таҳияи сиёсати давлатӣ ва дохил намудани масъалаҳои меҳнати кӯдакон ба фаъолияте, ки ба рушди мамлакат равона карда шудааст, дода мешавад. Ҳамзамон бо мақсади ошкор намудани кӯдакони коркунанда, муайян кардани хатарҳое, ки онҳо дучор мегарданд, ба муассисаҳои касбӣ-техникӣ равон намудани чунин кӯдакон ва ба онҳо додани маълумоти ғайрирасмӣ ва тафтиши он ки онҳо аз ҳайати коркунандагон хориҷ карда шудаанд ва таҳти назорати минбаъда қарор додани онҳо ҷиҳати бархӯрдор гардидан аз шуғли меҳнати кӯдаконро ивазкунанда ба ташкили низоми мониторинги меҳнати кӯдакон дар Тоҷикистон эътибори ҷиддӣ дода мешавад.

**<u>Афзалияти 2: Рушди имкониятҳои шуғли арзандаи мардон ва занон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатии баргашта</u>**

***Натиҷаи 2.1: Самаранокии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шугл ва муҳоҷират (минбаъд - Агентӣ), ки ба рушди тавозуни байни талабот ва пешниҳодот дар бозори меҳнат мусоидат кардааст, таъмин гардид.***

**Маҳсулот ва хизматрасониҳои пешниҳодгардида:**

- Ҳукумат ва Маҷлиси Олӣ вазифаҳои асосиро, ки бояд аз ҷониби Агентӣ ба иҷро расонида шаванд ва меъёрҳои баҳогузории иҷрои онҳоро муайян кунанд;

- Номгӯи ягонаи хизматрасониҳо, ки аз ҷониби марказҳои шуғл ба корфармоён ва ба шахсони корҷӯ пешниҳод карда мешаванд, муайян шуд;

- Барномаҳои фаъоли бозори меҳнат, аз он ҷумла барои шахсоне, ки дар бозори меҳнат мавқеи номувофиқ доранд, таҳия карда шуданд;

- Низоми идораи фаъолияти Агентӣ таҳия гардид.

**Индикаторҳои 2.1:**

2.1.1. Аз ҷониби Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумат на камтар аз 3 вазифа ба миён гузошта шудааст, ки бояд аз тарафи Агентӣ дар давраи ҳисоботӣ иҷро гарданд ва маблағгузории мақсаднок барои ҳаллу фасли онҳо ҷудо карда шудааст.

2.1.2. Агентӣ ҳадди ақал 3 намуди хизматрасонӣ барои шахсони корҷӯ ва 2 намуди хизматрасониро барои корфармоён муайян кард, ки аз ҷониби тамоми марказҳои шуғли аҳолӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

2.1.3 Аз ҷониби Агентӣ на камтар аз се барномаи фаъоли мусоидат ба шуғл, ки иҷрои вазифаҳои аз ҷониби Маҷлиси Олӣ ва ҳукумат гузошташударо таъмин менамоянд, таҳия ёфтанд.

2.1.4. Дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ нишондиҳандаҳои самаранокӣ, ки иҷрои вазифаҳои дар назди Агентӣ аз ҷониби Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумат гузошташударо инъикос менамоянд, ҷорӣ карда шуданд.

**Стратегия:**

Агентӣ дар ҳамкорӣ бо дигар ташкилотҳои давлатӣ ва баҷоовarандагони хизматрасонии хусусӣ барои татбиқи сиёсати шуғл, ҳамчун қисми сиёсати иқтисодии мамлакат ҷавобгар мебошад. Мақсадҳои асосии Агентӣ таъмини иштиғоли пурра, рушди устувори иқтисодӣ ва истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолӣ ба шумор мераванд. Ба ин ҳадафҳо тавассути мутобиқгардонии талаботи қувваи корӣ ба пешниҳоди он расидан мумкин аст. Фаъолияти Агентӣ ба он оварда мерасонад, ки теъдоди бештари мардон ва занон имкони дарёфти кор ва маоши арзандаро пайдо мекунад.

Воситаи муҳими Агентӣ барномаҳои фаъоли рушди бозори меҳнат мебошанд. Онҳо ба воридшавии самараноки бекорон ба бозори меҳнат, алалхусус онҳое, ки дар бозори меҳнат мавқеи номувофиқ доранд, имкон медиҳанд. ТБМ ба таҳлили механизми амалкунандаи татбиқи сиёсат дар бозори меҳнат ва роҳҳои мукаммалсозии он, ки ба баланд бардоштани шуғлнокӣ ва паси сар намудани таъсири манфии бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ ба бозори меҳнат равона карда шудааст, мусоидат менамояд.

***Натиҷаи 2.2: Сифат ва дастрасӣ ба маълумот дар бораи вазъи бозори меҳнат ва тамоюли рушди он беҳтар гардиданд.***

**Маҳсулот ва хизматрасониҳои пешниҳодгардида:**

- Ба зиммаи Агентӣ вазифаҳои таҳлил ва пешгӯии бозори меҳнат вогузор шуданд;

- Методҳои таҳлил ва пешгӯии бозори меҳнат, аз он ҷумла дар сатҳи маҳаллӣ таҳия ва таҷриба карда шуданд;

- Ба кормандони Агентӣ усулҳои нави таҳлил ва пешгӯӣ намудани бозори меҳнат таълим дода шуданд;

- Таҳлили системаи амалкунандаи ҷамъоварии маълумот дар бораи ҷойҳои холии кории мавҷуда ва тағйирёбии талабот ба меҳнат дарояндаи кӯтоҳмӯҳлат гузаронида шуд;

- Механизми нави ҳисоботи оморӣ оид ба ҷойҳои кории амалкунанда ва нав таҳия шуд;

- Махзани байниминтақавии ҷойҳои холии корӣ ва ҷойҳои кории вилоятҳо бо мақсади зудҳаракатии минтақавӣ ва касбии қувваи корӣ ташкил ёфт;

- Натиҷаҳои таҳлил ва пешгӯии бозори меҳнат дар ҷомеа маълум мебошанд.

**Индикаторҳои 2.2:**

2.2.1. Дар марказҳои шуғли аҳолии ду ноҳияи таҷрибавӣ усулҳои ҷамъоварӣ ва бақайдгирии ҷойҳои кории холӣ таҳия ва татбиқ карда шуданд;

2.2.2. Дар асоси намунаи таҳияшуда пешгӯии бозори меҳнат аз тарафи марказҳои шуғли аҳолии ду ноҳияи таҷрибавӣ ба амал бароварда шуд;

2.2.3. Ба кормандони ду маркази таҷрибавии шуғли аҳолӣ ва дастгоҳи марказии Агентӣ усулҳои гузаронидани таҳлил ва пешгӯӣ намудани бозори меҳнат таълим дода шуданд.

**Стратегия:**

Таҳияи сиёсати иқтисодӣ дар маҷмӯъ ва сиёсат дар бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар алоҳидагӣ, ба таҳлили маълумот дар бораи тамоюл дар бозори меҳнат ва дурнамои рушди он асос меёбад. Бо ин зарурияти ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва паҳнкунии маълумоти аниқ ва саҳеҳ доир ба бозори меҳнат, ки манбаи асосии он барӯйхатгирии аҳолӣ, шарҳи бозори меҳнат ва хоҷагиҳо маънидод карда мешавад. Аз ҷониби худи Агентӣ пурсиши корфармоён ҷиҳати муайян кардан ва пешгӯӣ намудани тағйирёбии талабот ба меҳнат гузаронида мешавад. Пешгӯии рушди бозори меҳнат имкон медиҳад, ки талабот ба мутахассисон дуруст муайян карда шуда, банақшагирӣ ва амалисозии барномаҳои фаъоли мутобиқат ба бозори меҳнат, алалхусус татбиқи барномаҳои тайёркунии мутахассисони

ихтисоси зарурӣ ба амал бароварда шаванд. Аз натиҷаҳои таҳлил ва пешгӯии бозори меҳнат бояд шахсони корҷӯ, муҳоҷирони баргашта, шахсони ҷавоне, ки касб интихоб мекунанд ва/ё нахустин маротиба ба бозори меҳнат ворид мешаванд, муассисаҳои касбӣ, сиёсатмадорон, тадқиқотчиён, воситаҳои ахбори омма огоҳ карда шаванд. ТБМ ба беҳтар кардани низоми ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумот дар бораи вазъи бозори меҳнате, ки он барои қабули қарори дуруст дар ин соҳа, аз он ҷумла таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияи нави амал дар бозори меҳнат ҳамчун асос маҳсуб меёбад, мусоидат менамояд. Тавассути дастгирии техникӣ ва молиявии ТБМ мониторинги корхонаҳо гузаронида мешавад ва таҳлили теъдоди ҷойҳои корӣ, самти фаъолияти корхона ва ғайра омода карда мешаванд. Таҳлили мазкур ба шарикони сетарафа имкон медиҳад, ки тавсияномаи мушаххасро оид ба назорати ҷойҳои корӣ дар корхонаҳои хусусигардонидашуда таҳия намоянд ва ба вазъи воқеии соҳаи шуғли аҳолӣ баҳои воқеӣ диҳанд.

***Натиҷаи 2.3: Низоми миллии маълумоти касбӣ, ки ба таълими одамон дар тамоми муддати зиндагӣ нигаронида шудааст, такмил ёфтааст.***

**Маҳсулот ва хизматрасониҳои пешниҳодгардида:**

- Ташхиси техникӣ оид ба таҳияи ҳуҷҷати сиёсие, ки ба беҳдошт ва ташаккули системаи тайёрии кадрҳо ва нақшаи амалисозии он равона гардидааст, пешниҳод карда шуд.

- Тавсияҳои Агентӣ, ки дар заминаи пешгӯии бозори меҳнат таҳия ёфтаанд, ба системаи маълумоти касбӣ ҷиҳати дар вақти таҳия намудани нақшаи таълимӣ ба инобат гирифтани талабот ба мутахассисон ирсол карда шуданд.

- Меъёрҳои тахассуснокии миллӣ таҳия гардиданд.

**Индикаторҳои 2.3:**

2.3.1. Ҳуҷҷати сиёсӣ оид ба ташаккули системаи тайёрии кадрҳо ва нақшаи амалисозии он қабул гардид.

2.3.2. Дар заминаи пешгӯии бозори меҳнат рӯйхати касбҳои/соҳаҳои иқтисодиёт, ки дар онҳо талаботи ғайриқаноатбахш ба меҳнат вуҷуд дорад ё пешбинӣ карда мешавад, тартиб дода шуд.

2.3.3. Стандартҳои касбӣ дар се соҳаи пилотӣ таҳия гардиданд.

**Стратегия:**

Дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ талаботи калон ба қувваи кории соҳибихтисосе, ки аз ҷониби муассисаҳои маълумоти касбию техникӣ тамоман қонеъ гардонида намешавад, вуҷуд дорад. Ба самаранок қонеъ намудани ин эҳтиёҷот алоқаи боз ҳам зичтари байни Агентӣ ва низоми маълумоти касбию техникӣ мусоидат мекунад. Дурнамои бозори меҳнати

аз ҷониби Агентӣ таҳияёфта бояд дар мавриди тартиб додани нақшаи таълимии муассисаҳои таълимӣ ба инобат гирифта шавад.

Ин замонавӣ гардонидани тамоми системаи тайёркунии кадрҳо, аз он ҷумла дар мисоли таҷрибаи дигар давлатҳои пешрафта омода намудани онҳоро тақозо менамояд. Яке аз ҷанбаҳои асосии ташаккули системаи ОКТ бояд таҳияи ҳуҷҷати сиёсии барои беҳгардонии тайёрии кадрҳо равонагардида бошад.

***Натиҷаи 2.4: Барои рушди устувори корхонаҳои хурду миёна ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) шароити мусоид ба вуҷуд оварда шудааст.***

**Маҳсулот ва хизматрасониҳои пешниҳодгардида:**

- Аз ҷониби шарикони сетарафа баҳогузории шароит барои фаъолияти соҳибкорӣ ва санадҳои меъёрии дахлдоре, ки фаъолияти корхонаҳои хурду миёна ва хоҷагиҳои фермериро ба танзим медароранд ва таъсири онҳо ба соҳибкорони марду зан гуногун мебошад, гузаронида шуд.

- Дар асоси таҳлиле, ки бо дастгирии ташхисгарони ТБМ сурат гирифт, тавсияҳо роҷеъ ба такмилдиҳии сиёсате, ки ба рушди соҳибкорӣ ва механизмҳои татбиқи он мусоидат мекунад, таҳия шуданд.

- Дастгирии чорабиниҳое, ки оид ба таҷрибаомӯзӣ ва таҳияи маводи чопӣ нисбати пешравиҳои дар рафти тадқиқоти ТБМ «Маблағгузории хурд ва фаъолияти муносиб» доир карда шуданд.

**Индикаторҳои 2.4:**

2.4.1. Сиёсате, ки ба рушди соҳибкорӣ ва механизмҳои татбиқи он мусоидат мекунад, таҳия шудааст.

2.4.2. Чораҳои сиёсие, ки барои беҳтар гардонидани дастрасӣ ба хизматрасонии молиявии мардҳо ва занҳо равона гардидаанд ва хулосаҳои оид ба пешравиҳои дар рафти тадқиқоти ТБМ ошкоргардидаро дар бар мегиранд, қабул шудаанд.

**Стратегия:**

Дар шароити рушди баъди бӯҳронии иқтисодӣ ва интегратсияи минбаъда дар ҷараёни ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии ҳамкориҳои иқтисодӣ, манбаи таъсиси ҷойҳои нави корӣ бахши воқеии иқтисодӣ, алалхусус корхонаҳои хурду миёна мебошанд. Рушди ташкилотҳои хурду миёна ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар таъмини меҳнати арзанда ва даромади босуботи қисми зиёди аҳолӣ мақоми калидӣ дорад. Дар ин маврид мусоидати давлатӣ тавассути фароҳам сохтани фазои мусоид ва дастгирии тамоми намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва гурӯҳӣ, аз он ҷумла рушди кооперативҳо, алалхусус дар соҳаи пешниҳоди хизматрасониҳои хоҷагии кишоварзӣ нақши муҳим дорад. ТБМ ба шарикон воситаҳои дахлдори таълимиро ҷиҳати беҳсозии таълим дар соҳаи соҳибкорӣ барои ҷавонон ва зиёд кардани шуғлнокӣ тавассути ташкил ва рушди корхонаҳои

хурду миёнаи тиҷоратӣ ва хоҷагиҳои фермерӣ пешниҳод менамояд. Бо роҳи гузаронидани баҳодиҳии шароит барои фаъолияти соҳибкорӣ, махзани санадҳои дахлдор ҷиҳати рушди ташкилотҳои хурду миёна ва хоҷагиҳои фермерӣ ва имкониятҳои мавҷудаи рушди барномаҳои махсуси маблағгузории хурд, хатари роҳёбии нобаробари мардон ва занон ба захираҳо ва хизматрасониҳо, аз ҷумла омӯзиши пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ба инобат гирифта мешаванд. Кор дар самти устуворгардонии шабакаи миллии устодон ва барномаи стратегияи миллии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, пешбурди омӯзиши соҳибкорӣ бо таъмини тавозуни баробарҳуқуқии хонандагон идома дода мешавад. Диққати махсус ба рушди корхонаҳои бахши дорои иқтидори бештари инкишоф (соҳаҳои афзалиятнок) дода шуда, устуворият ҳамчун индикатори рушди корхонаҳо ва имконият барои ташкили ҷойҳои кории сифатнок ба эътибор гирифта мешавад. Устуворият таваҷҷӯҳро ба иқтидори «иқтисодиёти сабз» равона месозад, ки дар он таъсири экологӣ ҳамчун маҳаки муҳими устуворият (инчунин рушди сарчашмаи энергияи алтернативӣ: офтобӣ, шамолӣ, биологӣ ва ғайра дар сатҳи иттиҳодияҳои маҳаллӣ) ба шумор меравад.

**<u>Афзалияти 3: Беҳсозии шароити меҳнат ва вусъатдиҳии ҳифозати иҷтимоӣ</u>**

***Натиҷаи 3.1: Системаи миллии идоракунии бехатарии меҳнат, аз он ҷумла Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (минбаъд Хадамот) такмил ёфт.***

**Маҳсулот ва хизматрасониҳои пешниҳодгардида:**

- Консепсияи нави системаи миллии бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, бо барномаи миллӣ оид ба ҳифзи меҳнат, такмили қонунгузорӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, доир намудани тадқиқот таҳия гардид.

- Қонунгузории миллӣ дар асоси стандартҳои ТМБ аз нав дида баромада шуд.

- Низоми идоракунии ҳифзи меҳнати Стандарти байнидавлатӣ ГОСТ 12.0.230-2007 (ТБМ-НИҲМ-2001) «Низоми идоракунии ҳифзи меҳнат. Талаботи умумӣ» дар муассисаҳо татбиқ гардид.

- Тадбирҳо оид ба навсозии хадамоти меҳнат (Хадамот) бо омӯзонидан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон андешида шуданд.

- Дар ҳамдастӣ бо шарикони иҷтимоӣ маводи иттилоотӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи меҳнат ва таҷрибаи пешқадам таҳия ва паҳн карда шуданд.

- Роҷеъ ба татбиқи Конвенсияи №155 ТБМ оид ба ҳифзи меҳнат чораҳо андешида шуданд.

- Раванди ба тасвиб расонидани Конвенсияҳои №129, №184 ва №187 ТБМ шурӯъ гардид.

- Шарикони сетарафа бо Пешниҳоди ТМБ нисбати ВНМО/БПНМ дар соҳаи меҳнат 2010 (№200) шинос карда шуда, оид ба татбиқи он ёрӣ расонида шуд.

- Масъалаҳои пешгирии ВНМО/БПНМ дар соҳаи меҳнат ба низоми тайёркунии мутахассисони Хадамот, мутахассисони муҳофизати меҳнат ва шарикони иҷтимоӣ дохил гардидаанд.

**Индикаторҳои 3.1:**

3.1.1. Барномаи нави давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси стандартҳои ТБМ роҷеъ ба ҳифз ва бехатарии меҳнат таҳия шуд;

3.1.2. Нозироти меҳнат (Хадамот) мутобиқи стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ навсозӣ карда шуд;

3.1.3. Конвенсияҳои №129, №184 ва №189 ТБМ ба тасвиб расиданд.

3.1.4. Пешниҳоди ТМБ оид ба ВНМО/БПНМ дар соҳаи меҳнат 2010 (№200) ҷиҳати баррасӣ ба мақомоти дахлдор пешниҳод гардид.

**Стратегия:**

Татбиқи натиҷаи мазкур ба пастравии сатҳи захмдоршавӣ ва бемориҳои касбӣ дар истеҳсолот, инчунин такмилёбии системаи ҳисобкунӣ ва бақайдгирии онҳо оварда мерасонад. Ҳалли ин масъала тавассути ташкил ва мукаммалгардонии системаи нави идоракунии ҳифзи меҳнат дар сатҳи миллӣ, мутобиқи муқаррароти Конвенсияҳои №155, №184 ва №187 ТБМ ва дар сатҳи муассиса - аз ҳисоби татбиқи Низоми идоракунии ҳифзи меҳнат 12.0.230-2007, омӯзонидан, ташкил ва рушди захираҳои босамар амалкунандаи нозироти меҳнат ва шарикони иҷтимоӣ сурат мегирад. Дар асоси маводи нави илмӣ, бо истифода аз стандартҳои байнидавлатии ГОСТ 12.0.230-2007 (ТБМ-НИҲМ 2001) омӯзиши мутахассисони ҳифзи меҳнат дар ҳамдастӣ бо шарикони иҷтимоӣ, ташкил ва гузаронида мешавад.

Ҷиҳати паҳн намудани иттилоот оид ба масъалаҳои пешгирӣ аз ВНМО/БПНМ дар ҷойи корӣ, маводи таълимӣ ва иттилоотӣ оид ба ҳифзи меҳнат, бо мақсади ба онҳо ворид намудани масъалаҳои пешгирӣ аз ВНМО/БПНМ ва паҳн намудани иттилоот роҷеъ ба масъалаҳои мазкур дар байни мутахассисон ва шарикони иҷтимоӣ, инчунин гузаронидани омӯзишҳо дар тамоми сатҳҳо, мутобиқ гардонида мешаванд (ҳангоми зарурат ба забони давлатӣ тарҷума карда мешаванд).

***Натиҷаи 3.2: Механизмҳои таъминоти иҷтимоӣ беҳтар карда шуданд***

**Маҳсулот ва хизматрасониҳои пешниҳодгардида:**

- Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ» таҳия гардид.

- Оид ба беҳтар гардонидани иттилоотонӣ, мустаҳкам намудани иқтидор ва омӯзонидани шарикони сетарафа оид ба масъалаҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва системаи нафақавӣ тадбирҳо андешида шуданд;

- Тавсияҳои методӣ, тавзеҳот ва маҷмӯии санадҳои меъёрӣ оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва

давлатӣ» ва дигар мавод (буклету плакатҳо) барои гузаронидани маъракаҳои таблиғотӣ таҳия ва нашр карда шуданд;

- Силсилаи лексияҳо ва семинарҳои омӯзишӣ барои мутахассисон дар ҳар як ноҳияи ҷумҳурӣ ташкил карда шуданд;

- Таҳлили қонунгузории миллӣ ҷиҳати мутобиқати он бо муқаррароти Конвенсияи ТБМ № 168 «Дар бораи мусоидат ба шуғл ва муҳофизат аз бекорӣ» гузаронида шуд.

- Корҳои омодагирӣ ҷиҳати ба тасвиб расонидани Конвенсияи №183 ТБМ «Дар бораи ҳифзи модар» (таҷдиди назаргардида) анҷом дода шуданд.

- Мавод оид ба масъалаҳои ҳифзи модар дар соҳаи кишоварзӣ таҳия ва нашр гардид.

- Маъракаи иттилоотонӣ оид ба ҳифзи модар ва таълими модарони бахши кишоварзӣ доир карда шуд.

**Индикаторҳои 3.2:**

3.2.1. Системаи таъминоти иҷтимоӣ (суғуртакунӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ, кӯмакпулӣ барои бекорӣ ва муҳофизати модарон) бо назардошти конвенсияҳои дахлдори ТБМ таҷдиди назар гардид.

3.2.2. Сиёсати системаи суғурта дар ҳолати бекорӣ бо назардошти маълумоти таҳлилии сиёсати фаъол ва ғайрифаъоли бозори меҳнат таҷдиди назар гардид.

3.2.3. Сатҳи огоҳияти шаҳрвандон аз ҳуқуқҳо дар системаи нави таъминоти нафақа ва суғуртакунӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ баланд гардид;

3.2.4. Конвенсияҳои ТБМ №168 «Дар бораи мусоидат ба шуғл ва муҳофизат аз бекорӣ» ва №183 «Дар бораи муҳофизати модар» ба тасвиб расид.

**Стратегия**:

Бо мақсади мустаҳкам намудани ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки бар асари ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот осеб дидаанд ва бемории касбӣ доранд, татбиқи чораҳои пешгирӣ аз захмбардориҳои истеҳсолӣ ва бемории касбӣ, пешниҳодот ба лоиҳаи қонуни «Дар бораи суғуртаи ҳатмӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ» манзур гардиданд. ТБМ барои таҷдиди назар намудан ва беҳтар гардонидани низоми ҷамъоварии маълумот оид ба суғуртакунӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ ва баланд бардоштани иқтидор ва огоҳияти шарикони иҷтимоӣ бо мақсади хубтар дарк намудани масъалаҳои суғуртакунӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ / суғуртакунонӣ аз ҳолатҳои бекорӣ / ҳифзи модар ва дигар конвенсияҳои дахлдор (Конвенсияҳои №102, №121, 156, 168 ва №183 ТБМ тавассути доир намудани семинарҳои омӯзишӣ барои лекторон (муллимон) аз ҳисоби кормандони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақомоти сатҳи ҷумҳуриявӣ (вилоятӣ) кӯмаки техникӣ мерасонад.

Бо мақсади мусоидат ба қабул намудани конвенсияҳои дахлдор дар самти суғурта дар мавриди бекорӣ ва муҳофизати модар қонунгузорӣ мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

***Натиҷаи 3.3: Ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ ва таъмини ҳуқуқҳои меҳнатии онҳо дар мамлакатҳои будубош бехтар гардиданд.***

**Маҳсулот ва хизматрасониҳои пешниҳодгардида:**

- Тавсияҳо оид ба беҳтар гардонидани ҳифзи муҳоҷирони меҳнатӣ дар мамлакатҳои будубош бо назардошти принсипи баробарии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ таҳия карда шуданд.

- Таҳлили вазъи татбиқи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ ва суғуртаи тиббӣ дар мамлакати будубош гузаронида шуда, тавсияҳо барои таҷдиди назар намудани меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили механизми ҳамкории дутарафа барои фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ бо системаи таъминоти иҷтимоӣ таҳия гардиданд.

- Механизми расонидани кӯмаки ройгони ҳуқуқӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ дар мамлакатҳои будубоши онҳо ба вуҷуд оварда шуд.

- Эътирофи узвияти ба иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон аз ҷониби иттифоқҳои касабаи мамлакатҳои қабулкунанда таъмин карда шуд.

- Сомонаи интернати минтақавӣ дар мамлакатҳои Осиёи Миёна аз ҷумла дар Тоҷикистон барои табодули иттилоот ва мустаҳкам кардани муколамаи иҷтимоӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ таҳия гардида, амал мекунад;

- Маводи иттилоотӣ дар бораи ҳуқуқҳо ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ дар мамлакатҳои будубош таҳия кард шуданд;

- Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, шиносоӣ бо фарҳанг ва анъанаҳои мамлакатҳои қабулкунанда, бо муҳоҷирони меҳнатии эҳтимолӣ тавассути мақомоти маҳаллӣ, иттифоқҳои касаба ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ кори иттилоотӣ-маърифатӣ анҷом дода шуд.

- Ба шарикони сетарафа ва дигар тарафҳои манфиатдор таълими масъалаҳои марбути муҳоҷират вогузор карда шуд.

**Индикаторҳоҳои 3.3:**

3.3.1. Созишнома дар бораи ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони иҷтимоӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба имзо расид;

3.3.2. Созишномаҳои дутарафа дар бораи ҳифзи муҳоҷирони меҳнатӣ, мониторинги мақоми меҳнатӣ ва иҷтимоии онҳо, кӯмакрасонӣ дар қонунигардонӣ мамлакатҳои қабулкунанда ба имзо расиданд;

3.3.3. Созишномаҳои дутарафа бо иттифоқҳои касаба оид ба расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва қабули онҳо ҳамчун аъзои иттифоқҳои касаба дар мамлакатҳои будубоши онҳо ба имзо расонида шудаанд;

3.3.4. Системаи иттилоотонии муҳоҷирони меҳнатӣ дар доираи васеи оид ба масъалаҳои зиёди соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, ки ба беҳтар

намудани огоҳият ва муҳофизати онҳо тавассути фаъолияти мақомоти маҳаллӣ, интернет-сайт, маводи иттилоотӣ ва нашриявӣ) самаранок фаъолият мекунад.

3.3.5. Иттилоот оид ба имиҷи мусбии муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба интегратсияи онҳо дар мамлакати будубоши онҳо мусоидат менамояд, паҳн гардид;

3.3.6. Намояндагони иттифоқҳои касаба ва корфармоён ба кори кумита оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ љалб карда шуданд.

**Стратегия:**

Дар доираи лоиҳаи ТБМ оид ба Танзими муҳоҷирати меҳнатӣ дар Осиёи Марказӣ машварати минтақавии шарикони сетарафаи 5 мамлакати Осиёи Марказӣ бо ширкати вазоратҳо ва идораҳои дахлдор барои таҳияи тавсияҳо роҷеъ ба такмилдиҳии сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ дар заминаи такмилдиҳии қонунгузорӣ ва системаи ҳисоби оморӣ, бо мақсади пурзўр намудани таъсири мусбии муҳоҷирати меҳнатӣ ва кам намудани таъсири манфии он доир мегардад.

Барои мустаҳкам намудани муколамаи иҷтимоӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва беҳтар намудани табодули иттилоот ва таҷриба сомонаи интернетии минтақавӣ ҷиҳати ҳамкорӣ дар самти мукаммал намудани қонунгузорӣ, системаи баҳисобгирии оморӣ, таҳиясозии моделҳои мурочиати захираҳои меҳнатӣ дар Осиёи Миёна ва дигар масъалаҳо таъсис меёбад.

Барои фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ ба низоми суғуртаи иҷтимоӣ дар мамлакатҳои қабулкунанда, таҳқиқи ҳолатҳои марбути татбиқи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ ва суғуртаи тиббӣ дар мамлакати қабулкунанда гузаронида мешавад ва ҷиҳати таҷдиди меъёрҳои қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба вуҷуд овардани механизми ҳамкории дутарафа барои ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба системаи таъминоти нафақавӣ, дигар неъматҳо ва имтиёзҳои иҷтимоӣ тавсияҳо дода мешаванд. Бо ширкати шарикони иҷтимоӣ маводи иттилоотӣ дар бораи ҳуқуқҳо ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ дар мамлакати қабулкунанда омода карда шуда, инчунин барои ба вуҷуд овардани нақши мусбии муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути огоҳкунӣ аз саҳми муҳоҷирони меҳнатӣ дар иқтисоди мамлакатҳои қабулкунанда ва интиқолдиҳанда тадбирҳо андешида мешаванд.

## 5. Нақшаи татбиқ, мониторинг ва баҳодиҳӣ

Барномаи меҳнати арзанда бо иштироки бевоситаи шарикони сетарафаи ТБМ, дар ҷараёни машваратҳои техникӣ бо мутахассисони маркази минтақавии ТБМ дар Москва таҳия шудааст. Афзалиятҳои асосии Барнома, натиҷаҳои онҳо, индикаторҳо ва стратегияи татбиқи он дар ҳамдастӣ муайян карда шудаанд.

Барнома оид ба меҳнати арзанда аз ҷониби шарикони сетарафа дар Тоҷикистон дар ҳамдастӣ бо Бюрои байниминтақавии ТБМ дар Москва, бо дастгирии ширкати минтақавии ТБМ оид ба Аврупо, Департаментҳои техникии қароргоҳи ТБМ дар Женева, инчунин Маркази Байналмилалии

таълим дар Турин татбиқ карда мешавад. Ҳамкорӣ бо агентиҳои Созмони Миллали Муттуҳид дар Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ҷиҳати барқарор намудани шарикии стратегӣ ва иҷрои натиҷаҳои калидии Барнома идома меёбад. Ҳамоҳангсози миллии ТБМ дар Тоҷикистон ҳамоҳангсозии умумии раванди иҷрои Барномаро таъмин менамояд.

Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат бобати татбиқи Барнома бо назардошти имкониятҳои мавҷудаи молиявӣ ва захираҳои кадрӣ дар доираи лоиҳаи ҳамкориҳои техникӣ кӯмаки техникӣ мерасонад. Дар асоси натиҷаҳои банақшагирифта ва захираҳои мавҷудаи шарикони сетарафа ва ТБМ Нақшаи татбиқи барнома барои солҳои 2010-2013 таҳия мегардад.

Мутобиқи принсипҳои муқарраргардида бобати татбиқи муваффақонаи Барнома гурӯҳи кории сетарафа дар ҳайати мутахассисони ботаҷриба аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳодиҳои корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, инчунин намояндагони Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат бо теъдоди баробар таъсис дода мешавад. Мониторинг ва баҳодгузории раванди татбиқ мунтазаман (ҳар сол) аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар ҳайати намояндагони шарикони сетарафа ва бюрои байниминтақавии Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат дар Москва, ба амал бароварда мешавад. Гурӯҳи корӣ бо тартиби муқарраршуда ҷиҳати таъмини самаранокии беҳштар нақшаи татбиқи Барнома оид ба меҳнати арзандаро ислоҳ мекунад.

Барномаи мазкур баъди анҷом додани қоидаҳои дохилидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода мешавад.

Барномаи мазкури ҳамкорӣ бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ дар веб-сайти бюрои байниминтақавии маркази ТБМ дар Москва мунташир мегардад.